Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

ба автореферати Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10- Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)

Ҷомеъа бо фаҳмиш ва дарк намудани баландбардории самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии иқтисодиёт тавассути рушди равандҳои экологӣ-иқтисодӣ муйян карда мешавад. Дар ҳамин соҳаҳои хоҷагии халқ дастовардҳои чуқурӣ бо сифат ва азнавсозии сохтори иқтисодиёти минтақавӣ, навгоникунонии истеҳсолот дар минтақаҳо, шаклҳо ва усулҳои нави истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва коркарди онҳо дар истеҳсолот бояд чораҳои зарури андешида шавад.

Қарорҳои асосноккардашуда ба равандҳои экологикунонӣ бо мақсади такмилдиҳӣ ва идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ, фароҳам овардани шароитҳо баҳри истифодабарии пурсамари захираҳои табиӣ ва дар ин замина таъсиси корхонаҳои дар ин соҳа таълуқдошта мусоидат менамояд, ҳаракат ва майлу рағбатҳои иловагӣ баҳри рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон ва олоти калидии таъминоти босуръати иҷроиши функсияҳои корхонаҳои саноатӣ дар минтақаи зикршуда ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки аз тарафи корхонаҳо қарорҳои қабулгардида ва умуми эътирофшудаи гузариш ба иқтисодиёти рушди босубот муайян гардидани рушд тавасути дарксозии ҷомеъагии муҳимияти масъалаҳои таъминоти бехатарии экологию-иқтисодӣ, ҷорӣ намудани инноватсия зарур ҳаст, ки дар солҳои наздик амалӣ карда шавад.

Исботи ин гуфтаҳо дар набудани алоқаҳои илмӣ-тадқиқоти дар минтақа бо истифодабарии захираҳои табиӣ минтақа, рушди инноватсия системаҳои табиӣ хоҷагидории минтақа ба шумор меравад.

Дар шароити тағйирёбандаи дастгирии давлатии корхонаҳои ба истихроҷи маъдан машғулбуда дар минтақаҳо, истеҳсолӣ молҳои хоҷагии халқ бо проблемаҳои нарасидани маблағҳои зарурӣ , ки дар натиҷа суръат ва нақши навгониҳои воситаҳои истеҳсолот ва механикунонии онҳо ҳоло ҳам ба чашм мерасад. Дар натиҷаи ҳамин тамоюли зиёдшавӣ ва истифодабарӣ ва *талабот ба канданиҳои фойданок ба назар мерасад,* бинобарҳамин зиёдшавии ҳаҷми пайдоиши партовҳо, зиёд шудани нуқтаҳои партов, дур мондан аз истеҳсолот боиси нигаронӣ шудааст.

Дар автореферат компонентҳои рушди истифодабарии захираҳои табиӣ ва механизмҳои дурусти истифодабарии онҳо нишон дода шудааст.

Муаллиф аз нуқтаи назари қонуни ишора менамояд, ки сиёсати давлатии батанзимдарории бехатари экологӣ ва рушди босуботи идоракунии захираҳои табиӣ то як дараҷаи муйян аз рӯйи сенарияҳои СМР-2030 ба таври автономӣ коркард ва амалӣ карда мешаванд. Дар чунин шароитҳо самаранокии дилхоҳ оғози кор дар соҳаи коркарди маъдан ва нигоҳдории муҳити зист бояд рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи мазкур таъмин карда шавад, зеро дар минтақаҳо бехатарии экологӣ ва дигар хатарҳо риоя карда шавад.

Бо дар назардошти бартариятҳои дар боло зикргардида, мувофиқи маълумотҳои автореферат дар тадқиқоти илмӣ базе камбудиҳо низ мавҷуд аст:

1. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии рушди босубот оварда шудааст, аммо муаллиф пешниҳод накарддаст, ки таҷрибаи кодоме аз ин давлатҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор мебошад.

2. Дар кори мазкур баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

Камбудиҳои зикршуда бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи илмӣ-назариявии таҳқиқоти илмиро паст намегардонад.

Дар маҷмӯъ кори пешниҳодшуда дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон» анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад.

Муаллиф Абдулов Дилшод Назарович сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи аграрии ба номи Шириншоҳ
Шоҳтемур Тоҷикистон ________________ Кабиров С.Ҷ.

**Имзои н.и.и., дотсент Кабиров С.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.**
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Доншгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шохтемур ________________Абдуҳалимзода Н.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Хиёбони Рудакӣ 146